# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович дар мавзӯи “Ташаккули салоҳиятҳои муоширати хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи таълими фанни адабиёти тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «журналисти байналхалқӣ» соли 2011 ва факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси «омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик» хатм намудааст. Муҳаққиқ Зоиров С. солҳои 2008-2014 ба сифати омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе кор кардааст. Солҳои 2014-2019 роҳбари Созмони хонандагон дар МТД литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ва аз моҳи августи соли 2019 то ба имрӯз ба ҳайси муовини директор оид ба корҳои методӣ дар МДТ литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе фаъолият дорад.

Дар муддати фаъолияти корӣ дар муассисаҳои зикргардида худро ҳамчун мутахассиси донишманд ва масъулиятшинос, омӯзгори кордону серталаб нишон дода сазовори чандин мукофоту ҷоизаҳо гардидааст.

Истеъдоду маҳорати ӯ махсусан дар тадқиқи масъалаҳои вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон, беҳсозии вазъи муоширати онҳо ва истифодаи роҳҳои самарабахши таълим дар ин самт шоёни таҳсин мебошад. Дар муддати 14 соли фаъолияти омӯзгорӣ худ ва шогирдонаш ба дастовардҳои зиёди илмию соҳавӣ ноил гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зоиров С. ҳанӯз аз солҳои аввали кору фаъолияти омӯзгориаш ҳангоми таълими фанни забон ваададбиёти тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, муҳақиқ бо амалӣ намудани донишҳои назариявӣ заминаи таҳқиқоти диссертатсионии худро фароҳам кардаанд.

Муҳим будани мавзӯи диссертатсия вобаста ба он аст, ки дар шароити муосир масъалаи доштани салоҳиятҳои фикр кардан, муоширати дуруст карда тавонистан, аз уҳдаи ҳалли проблемаҳо мустақилона баромадан, аз назария ба амалия гузаштан, андеша ва афкори худро озодона баён кардан ва дигар тавонмандиҳои марбут ба

муошират аз ҷумлаи масоили меҳварии зиндагии аҳли сайёра ба шумор меравад.

Амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта, метавонад барои ҳалли бисёр масъалаҳои муҳими таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат кунад, зеро ташаккул додани салоҳиятҳои муоширати хонандагон на танҳо барои фанҳои гуманитарӣ-ҷомеашиносӣ, балки барои беҳсозии вазъи таълими фанҳои табиатшиносиву дақиқ низ хеле муҳим аст. Он салоҳиятҳое, ки дар фанни адабиёти тоҷик сайқал меёбанд, аксаран салоҳиятҳои болифанниианд ва метавонанд аз зумраи салоҳиятҳои калидӣ барои фанҳои дигар гарданд.

Аз ин рӯ, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Зоиров Сиротулло барои ҳалли масъалаҳои меҳварии таълим ва таъмини сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бешак мусоидат карда метавонанд.

Зоиров Сиротулло ҳангоми иҷроиши тадқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур барои ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу озмоиши тадқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Зимни иҷроиши тадқиқоти диссертатсионӣ Зоиров С. худро ҳамаҷиҳата ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор аст ва минбаъд метавонад ба таври мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо дуруст ва бошуурона дарку фаҳм намуда, баррасӣ ва таҳлил намояд, ҳамчунин методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқотҳои минбаъда муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Зоиров С. дар бораи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо усулҳои муосиру судманд дар 12 мақолаи нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла, 6 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикоси худро ёфтаанд.

Муҳаққиқ Зоиров Сиротулло солҳои 2017-2021 дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Дар баробари анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ Зоиров Сиротулло фаъолона ба корҳои омӯзишию пажӯҳишӣ бо мақсади такмил

ва рушди салоҳиятҳои касбӣ ва маҳоратҳои педагогии худ мунтазам машғул шуда, худро ҳамчун омӯзгори муваффақ дар равияи фанҳои педагогика ва методикаи таълим нишон додааст.

Дар маҷмӯъ муҳаққиқ Зоиров Сиротуллоро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф намуд, ки метавонад мустақилона аз иҷрои ҳаллу фасли супоришу вазифаҳои гузошташуда моҳирона барояд.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ тадқиқоти диссертатсионии Зоиров Сиротуллоро ба тариқи мусбат ва ҳамчун тадқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор ,
Профессори кафедраи
забоншиносии умумӣ
ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Неъматов С.Э.

11.05 2022

*Имзои М. Неъматовро тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳо ва корҳои*
*махсуси ДМТ*

Имзои / Подпись Неъматов С. Э.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
...РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ